В диссертационный совет 6D. КОА – 044
при Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
(734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Саид Носир 33)

# ОТЗЫВ

**официального оппонента на диссертационную работу Раззокзода Тамкин Мурод на тему: "Правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан" представленной на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14 – Административное право; административно-процессуальное право (юридические науки).**

**Соответствие содержания диссертации заявленной специальности и отрасли науки.** Диссертация Раззокзода Тамкин Мурод на тему «Правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан», представленной на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14 – Административное право; административно-процессуальное право (юридические науки) по содержанию соответствует заявленной специальности. Наименование темы, план и структура диссертационного исследования, текст диссертации составлены и подготовлены в логической взаимосвязи, научно-обоснованы и достоверны.

**Актуальность темы диссертации.** Вопрос социально-экономического роста регионов приобретает особую актуальность во всем мире. Изучение их состояния, анализ и оценка рисков и угроз, которые могут дать о себе знать в самый неподходящий момент означает, что исследования в этом направлении должны вестись основательно и системно. Так как от развития регионов, от их конкурентоспособности зависит развитие государства и благосостояние населения. Конкурентоспособность же регионов во многом зависит от

слаженной работы исполнительных органов на местах. Исходя из этого фактора актуальность исследования не вызывает сомнений.

Концепция управления местным развитием в Республике Таджикистан на период до 2030 года принятая Президентом Республики Таджикистан, которая сопряжена со сложными программными преобразованиями в различных секторах национальной экономики и жизнеобеспечения страны требует разработки четких правовых механизмов и качественной координации деятельности центральных и местных органов управления. Здесь невозможно обойтись без правильно поставленных правовых акцентов, от того насколько безошибочно они поставлены во многом зависит реализация концептуальных целей. По этой причине научное исследование, выполненное в рамках данной диссертации, считается своевременным, обеспечивает правовую основу для повышения эффективности государственного управления на местном уровне, с учетом анализа научных конструкций будет способствовать совершенствованию данного института.

**Структура диссертации.** Диссертация Т.М. Раззокзоды состоит из списка сокращений, введения, двух глав, семи параграфов, заключения, практических рекомендаций, списка использованной литературы и списка публикаций диссертанта, которые отражают диссертационное исследование, что соответствует цели, задаче и логической последовательности изыскания.

**Во введении** обосновывается актуальность темы исследования, степень ее изученности, связь исследования с имеющимися в Академии Государственного Управления Республики Таджикистан учебными программами и направлениями в области науки. Диссертантом определена цель, задача, объект и предмет исследования, ее методологические, теоретические и практические основы. **Личный вклад соискателя** состоит в том, что впервые в отечественной науке исследование темы проведено в контексте происходящих в сфере местного управления реформ.

Особого внимания заслуживают, рассмотренные автором вопросы взаимоотношений местного органа исполнительной власти с другими

государственными органами местного уровня, а также местным самоуправлением.

**Первая глава диссертации** называется «Теоретические и правовые основы организации местного уровня исполнительной власти в Республике Таджикистан», она состоит из трех параграфов. Здесь автор обращает внимание на сущность и место исполнительной власти как одно из проявлений государственной власти и делает выводы, что качество и эффективность государственного управления решающим образом зависят от уровня активности этой ветви власти (с. 38). В последующих параграфах диссертант исследует проблемные аспекты государственного управления на уровне регионов, положительный опыт соседних и зарубежных стран (Казахстан, Российская Федерация, Франция, Испания, Португалия и ряд стран Латинской Америки), исторический контекст, взаимоотношения региональных и местных органов государственной власти с органами местного самоуправления – джамоатами (*такой институт как* ***махалля,*** *существующий и в Таджикикстане, и в Узбекистане, также способствует изучению опыта Республики Узбекистан по исследуемой тематике).*

Радуют выводы автора о том, что наука административного права призвана выявлять объективные закономерности развития административных органов и перенести их на отдельные периоды развития страны.

**Вторая глава диссертации** посвящена «Системе местных органов исполнительной власти в Республики Таджикистан» и включает в себя четыре параграфа. В результате проведенного исследования автор подготовил авторские понятие, а также выявил пробелы в форме терминологического изложения и организационно-правовой формы рассматриваемых органов и предложил включить их в нормативно-правовую базу. Это касается таких НПА Республики Таджикистан как Конституционный Закон Республики Таджикистан «О местных органах власти» (с. 84), Закон «О государственной службе» (с. 78).

Второй параграф данной главы особенно интересен (и читается на одном дыхании), в нем диссертант поднимает насущные проблемы, которые характерны ни только в правоприменительной практике Республики Таджикистан, но и Республики Узбекистан. Это касается таких аспектов, как двусмысленные правовые нормы, отсутствие механизма по вопросам назначения некоторых должностных лиц на региональном уровне, проблемы разделения полномочий между исполнительными и представительными органами государственной власти на местах, отсутствие механизма передачи полномочий, вызывающих путаницу в административной практике.

Не менее интересное предложение диссертантом выдвигается в отношении *административного договора при децентрализации* государственного управления (стр.159). Считаем, что данный субинститут нуждается в последующем совершенствовании и диссертант обязательно продолжит свою работу в этом направлении.

Таким образом, в результате исследования теоретических и практических аспектов «Правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан», автором сделан ряд научных выводов и практических рекомендаций, вытекающих из содержания сути поставленных задач.

**Степень новизны результатов**, полученных в диссертации, и научных положений, представленных на защиту. Диссертационное исследование Т.М. Раззокзода в среде отечественной юриспруденции это одно из комплексных диссертационных исследований, посвященных правовым вопросам организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан. В ней рассматриваются теоретические и практические аспекты обозначенной темы. Диссертация полностью отражает поставленные перед исследованием задачи посредством представленных на защиту научных и практических положений. Для достижения поставленных целей диссертантом использована научная литература, национальное и зарубежное законодательство, международно-правовые акты.

Выносимые на защиту позиции включают теоретические и практические аспекты рассматриваемой темы и в целом составляют новизну диссертационного исследования. Учитывая содержание и характер положений, выносимых на защиту диссертации, их можно разделить на следующие группы:

- периоды формирования правовых основ органов местного государственного управления советской эпохи - с 1924 года по 1994 г. (по настоящее время) разделены, и автор представил три этапа их развития;

- теоретико-правовая новизна, на основе которых автором предложены понятия местного управления, местного государственного управления, государственной власти, местных органов исполнительной власти, а также установлены направления совершенствование законодательства;

- организационно-правовые новации, на основе которых автором представлен ряд научно обоснованных практических рекомендаций, которые могут способствовать совершенствованию организационно-правовой формы организации местных исполнительных органов в Республике Таджикистан.

- Практико-правовая новизна, на основе которых автором представлен ряд научно обоснованных практических рекомендаций, которые могут способствовать совершенствованию законодательства, организации и деятельности местных исполнительных органов Республики Таджикистан.

**Обоснованность и достоверность выводов и рекомендаций, изложенных в диссертации.** Необходимо отметить, что обоснованность и достоверность результатов исследования основана на реальном и всестороннем анализе правоприменительной практики, которая касается различных аспектов правовых вопросов организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан.

**Спорные вопросы в исследовании.** В диссертации Т.М. Раззокзода наряду с достижениями существуют вопросы, которые являются спорными с научной точки зрения.

1. **Объектом исследования** обозначены *местные звенья исполнительной власти* и их роль в системе разделения государственной власти. **Предметом исследования** являются нормативно-правовые акты, *касающиеся их организации*. Однако, в диссертационном исследовании диссертант часто выходит за границы обозначенного им объекта. Например, первый параграф посвящен вопросам ни местных органов исполнительной власти, а роли исполнительной власти в целом в системе разделения властей. Также диссертант часто обращается к институту местного самоуправления – джамоатам, хотя согласно ст.78 Конституции Республики Таджикистан джамоат не входит в систему местных органов исполнительной власти. Хотя местные исполнительные и представительные органы, и местное самоуправление отражены в шестой главе Конституции Республики Таджикистан данный дискурс следовало рассмотреть с точки зрения их взаимоотношений. Во избежание путаницы считаем, что диссертант должен был строго следовать обозначенным в объекте исследования аспектам.

2. Исследуя исторический – советский период формирования и развития исполнительных органов местной власти Республики Таджикистан диссертанту следовало обратиться к первоисточникам – архивным материалам (циркулярам, газетам и журналам) того периода, которые хранятся в государственном архиве Таджикистана. По нашему мнению, изучение собственного национального опыта исследуемой тематики обогатило бы диссертацию и у диссертанта была бы возможность провести сравнительно-правовой анализ. И на его основе разработать дальнейшее стратегическое видение.

3. В статью 76 Конституции Республики Таджикистан были внесены изменения и термин «председатель – представитель президента» был исключен. Диссертант утверждает, что "можно с большой уверенностью сказать, что этот шаг в последствие способствует **деконцентрации местного управления"** (каким образом?). Считаем, что диссертанту необходимо подробнее остановится на этом вопросе.

4. По утверждению диссертанта председатель как орган, осуществляющий исполнительную власть в пределах соответствующей административно-территориальной единицы, возглавляет как местные представительные органы государственной власти, так и местные исполнительные органы. В этом утверждении есть серьезные *недостатки*, поскольку создается впечатление, что представительные и исполнительные органы местного уровня возглавляются *другим органом* (стр. 109). Наверное недостатки ни только в этом? Диссертанту следует объяснить какие именно недостатки связаны с этим утверждением и чем они чреваты в правоприменительной практике. Здесь также необходимо дать решение в этом вопросе.

5. По утверждению диссертанта еще один вопрос, вызывает на практике недоразумения. Он связан с процедурой подтверждения должности председателя на сессии Маджлиса народных депутатов. Наблюдения показывают, что при рассмотрении этого вопроса местные представители испытывают сложности в своих процедурах. Для них остается неясным, какой документ они должны принять: ***об утверждении соответствующего указа президента республики*** или об утверждении конкретного человека на должность председателя? Было бы уместно, если диссертант привел примеры из правоприменительной практики.

Отмеченное выше не влияют на положительную оценку диссертационного исследования, а являются лишь свидетельством того, что рассматриваемые вопросы очень важны, сложны и противоречивы, и в результате автору удалось решить некоторые вопросы с изучением юридических источников, отраслевой литературы и оценки мнений ученых. Он изложил свою авторскую точку зрения, характерную для проведения подобных научных исследований. Содержание диссертации свидетельствует об полноты изложения содержания и ее научной новизне. Автор изложил выводы из полученных результатов, которые могут внести вклад в науку административного права.

**Соответствие утверждения диссертации требованиям ВАК** при Президенте Республики Таджикистан. Диссертация Т.М.Раззокзода соответствует требованиям пунктов 31 и 33 Порядка присуждения ученых степеней, утвержденного постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года №267. Диссертация написана автором самостоятельно и имеет единое содержание и внутреннюю логику. Уровень научной новизны диссертации, научные положения и практические предложения и рекомендации, вынесенные на защиту, научные статьи и доклады на научно-практических конференциях подтверждают личный вклад автора. Также способ решения задач и стиль научного исследования доказывают огромный труд автора диссертации.

Диссертация Раззокзода Тамкин Мурод соответствует требованиям, предъявляемым к диссертационной работе, а ее автор достоин искомой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14. - Административное право; административно-процессуальное право.

**Официальный оппонент:**
**Главный научный сотрудник Института**
**Законодательства и правовой политики**
**при Президенте Республики Узбекистан,**
**доктор юридических наук, профессор** **Маликова Г.Р.**

Подпись Маликовой Г.Р. заверяю:
Начальник общего отдела Института
Законодательства и правовой политики
при Президенте Республики Узбекистан С. Авезов

16. 05. 2024

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, мутобиқ мебошад. Номи мавзуъ, нақша ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ, матни рисола дар робитаи мантиқӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод тартиб дода, омода карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Масъалаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар тамоми ҷаҳон аҳаммияти хоса дорад. Омӯзиши ҳолати онҳо, таҳлил ва арзёбии хавфҳо ва таҳдидҳое, ки метавонанд дар лаҳзаҳои номуносиб худро нишон диҳанд, маънои онро дорад, ки таҳқиқот дар ин самт бояд ҳамаҷониба ва мунтазам гузаронида шавад. Зеро рушди давлат ва некӯаҳволии мардум аз рушди минтақаҳо, рақобатпазирии онҳо вобаста аст. Рақобатпазирии минтақаҳо бештар ба фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Дар асоси ин омил, таҳқиқот аҳаммиятнок дониста мешавад. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, бо дигаргуниҳои комплексии барномавӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва таъмини некуаҳволии кишвар алоқаманд буда, таҳияи механизмҳои возеҳи ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии босифати фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро дарбар мегирад. Дар ин ҷо, бе ҷанбаҳои дурусти ҳуқуқӣ амал кардан ғайриимкон аст, ки татбиқи ҳадафҳои консептуалӣ бештар аз он вобаста аст, ки онҳо то чӣ андоза дуруст гузошта шудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмие, ки дар доираи рисолаи мазкур анҷом дода мешавад, саривақтӣ дониста шуда, барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, бо назардошти таҳлили тарҳҳои илмӣ ба такмили ин ниҳод мусоидат менамояд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Т.М. Раззоқзода аз номгӯйи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, номгӯйи адабиётҳои истифодашуда ва номгӯйи нашрияҳои муаллифи рисола, ки таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд, ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мувофиқат мекунад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва самтҳои соҳаи илм, ки дар Академияи идоракунии давлатии назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, асоснок карда шудааст. Муаллифи рисола ҳадаф, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии онро муайян кардааст. **Саҳми шахсии довталаб** дар он аст, ки бори аввал дар илми ватанӣ омӯзиши мавзуъ дар партави ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ сурат гирифтааст.

Масъалаҳое, ки муаллиф оид ба ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо дигар мақомоти давлатӣ дар сатҳи маҳал, инчунин мақомоти худидоракунӣ баррасӣ кардааст, сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин ҷо муаллиф ба моҳият ва ҷойи ҳокимияти иҷроия ҳамчун яке аз зуҳуроти ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки сифат ва самаранокии идоракунии давлатӣ қатъиян ба сатҳи фаъолияти ин шохаи ҳокимият вобаста аст (саҳ. 38). Дар дигар зербандҳои рисола ҷанбаҳои мушкилоти идоракунии давлатиро дар сатҳи маҳалҳо (минтақаҳо), таҷрибаи мусбати давлатҳои ҳамсоя ва хориҷӣ (Қазоқистон, Федератсияи Россия, Фаронса, Испания, Португалия ва як қатор давлатҳои Амрикои Лотинӣ), заминаи таърихӣ, ҳамкории мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидракунии маҳаллӣ – ҷамоатҳоро *(ниҳоде ба монанди* ***маҳалла*** *ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Узбекистон вуҷуд дорад, инчунин, ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон оид ба мавзуи мавриди омӯзиш мусоидат менамояд)* ба таҳқиқот фаро гирифтааст.

Мавқеи муаллиф оид ба он, ки илми ҳуқуқи маъмурӣ вазифадор аст, ки қонуниятҳои объективии инкишофи мақомоти идораро ошкор карда, онҳоро ба давраҳои муайяни инкишофи мамлакат мункасир гардонад, мусбат арзёбӣ мегардад.

**Боби дуюми диссертатсия** ба «Низоми мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, чор зербобро дарбар мегирад. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф мафҳумҳои муаллифӣ омода намуда, инчунин дар шакли баёни истилоҳӣ ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти баррасишаванда камбудиҳо муаяйн намуда, пешниҳод кардааст, ки онҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ ворид карда шаванд. Ин ба чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (с. 84), Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» (с. 78) дахл дорад.

Сархати дуюми ин боб махсусан ҷолиб аст (бо як нафас хонда мешавад), ки дар он муаллифи рисола масъалаҳои мубрамеро ба миён мегузорад, ки на танҳо ба амалияи ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои Ҷумҳурии Узбекистон хосанд. Ин ҷанбаҳои духӯрагии меъёрҳои ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани механизми таъини шахсони мансабдор дар сатҳи маҳаллӣ (минтақавӣ), мушкилоти тақсими салоҳият байни мақомоти иҷроия ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар маҳал, набудани механизми вогузор намудани ваколатро дарбар гирифта, дар амалияи идоракунӣ бесарусомонӣ ба миён меоваранд.

Нуқтаи диққатҷалбкунандаи ба миён гузоштаи муаллифи диссертатсия ин дар бораи шартномаи маъмурӣ дар раванди ғайримутамарказгардонии идораи давлатӣ мебошад (сах. 159). Ин зерниҳод ба такмили минбаъда ниёз дошта, боварӣ дорем, ки диссертант ҳатман дар ин самт фаъолияти худро идома медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии «Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст, ки аз мазмун моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои** дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Т.М. Раззоқзода дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз рисолаҳои мукаммалест, ки ба масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур ба баррасӣ фаро гирифта шудаанд. Диссертатсия ҳадафҳои таҳқиқотро тавассути нуқтаҳои илмӣ ва амалии барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра инъикос мекунад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда муаллифи диссертатсия аз адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ истифода намудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи баррасишавандаро дарбар гирифта, дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти рисоларо ташкил медиҳанд. Мазмун ва хусусияти нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо ба назар гирифта, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- давраҳои ташаккули асосҳои ҳуқуқии мақомоти идораи давлатии маҳаллӣ дар даврони шуравӣ - аз соли 1924 то соли 1994 (то имрӯз) ҷудо шуда, муаллиф се марҳилаи инкишофи онҳоро пешниҳод кардааст;

- навгониҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асоси он муаллиф мафҳумҳои идораи давлатӣ, идораи давлатии маҳаллӣ, мақоми давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро пешниҳод намуда, инчунин самтҳои такмили қонунгузориро муайян намудааст;

– навгониҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо муаллиф як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки амалиро пешниход кардааст, ки метавонанд ба такмили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд.

- навгониҳои амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асоси он муаллиф як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки амалиро пешниҳод кардааст, ки метавонанд ба такмили қонунгузорӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд гуфт, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеӣ ва ҳамаҷонибаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, асоснок мегардад.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Дар рисолаи илмии Т.М. Раззоқзода дар баробари дастовардҳо масъалаҳое низ ҳастанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳсбарангезанд.

1. Объекти таҳқиқот зинаи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва нақши онҳо дар низоми таҷзия ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба ташкили онҳо мебошад. Аммо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллифи рисола аксар вақт аз доираи объекти таъиншуда мебарояд. Масалан, зербоби якум на ба масъалаҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, балки ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимият бахшида шудааст.

Инчунин, муаллиф баъзан ба ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ – ҷамоатҳо ишора мекунад, гарчанде, ки тибқи моддаи 78 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамоат ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дохил намешавад. Ҳарчанд мақомоти иҷроия ва намояндагии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар боби шашуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта бошад ҳам, ин амал мебоист аз нуқтаи назари ҳамкориҳои онҳо баррасӣ мешуд. Барои роҳ надодан ба иштибоҳ, мо чунин мешуморем, ки муаллиф бояд ҷанбаҳои дар объекти таҳқиқот зикршударо ба таври қатъӣ риоя мекард.

2. Муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқи давраи таърихӣ – шуравии ташаккул ва рушди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз сарчашмаҳои ибтидоӣ – маводи бойгонии (фармон, рӯзномаву маҷаллаҳо)-и он давра истифода менамуд, ки дар бойгонии давлатии Тоҷикистон маҳфузанд. Ба андешаи мо, омӯзиши таҷрибаи миллӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда рисоларо ғанӣ гардонида, ба муаллифи рисола имкони таҳлили муқоисавии ҳуқуқиро имкон медод ва метавонист дар заминаи он хулосаи стратегии худро таҳия кунад.

3. Ба моддаи 76 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, истилоҳи «раис – намояндаи президент» хориҷ карда шуд. Муаллиф таъкид мекунад, ки «мо бо итминони зиёд гуфта

метавонем, ки ин иқдом баъдан ба ғайритаҷаммуи идораи маҳал мусоидат мекунад» (чӣ тавр?). Мо чунин мешуморем, ки ба муаллиф лозим меояд, ки дар ин бора муфассалтар таваққуф намояд.

4. Ба андешаи муаллиф, раис ҳамчун мақоме, ки ҳокимияти иҷроияро дар воҳиди дахлдори маъмурию ҳудудӣ амалӣ менамояд, ҳам мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳам мақомоти иҷроияи маҳаллиро сарварӣ менамояд. Дар ин муқаррарот камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд, зеро он таассуроте ба вуҷуд меоварад, ки гуё ба мақомоти намояндагӣ ва иҷроия дар маҳалҳо мақомоти дигар роҳбарӣ мекунад (саҳ. 109). Шояд ин ягона камбудӣ нест? Муаллифро зарӯр меояд, ки шарҳ диҳад, ки кадом камбудиҳо бо ин муқаррарот алоқаманданд ва онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ чи оқибати манфиро ба вуҷуд меоранд. Дар ин ҷо ҳам ҳалли ин масъаларо додан лозим аст.

5. Ба гуфтаи муаллифи, боз як масъала дар амалия боиси нофаҳмиҳо мегардад. Он ба тартиби тасдиқи вазифаи раис дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ дахл дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вакилони маҳаллӣ ҳангоми ҳалли ин масъала дар расмиёти худ ба мушкилот дучор мешаванд. Барояшон норавшан мемонад, ки кадом ҳуҷҷатро бояд кабул кунанд: **дар бораи тасдиқи фармони дахлдори Президенти ҷумҳурӣ ё дар бораи ба вазифаи раис тасдиқ намудани шахси мушаххас?** Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки агар муаллиф аз амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мисолҳо меовард.

Масъалаҳои дар боло қайдгардида ба баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва дар натиҷа ба муаллиф муяссар шудааст, ки бо омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун баъзе масъалаҳоро ҳал намояд. Ӯ, нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раззоқзода Т.М. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи

ҳалли масъалаҳо ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми бузурги муаллифи диссертатсияро собит менамояд.

Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Ходими калони илмии Институти
қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии
назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маликова Г.Р.

Имзо Маликова Г.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии назди
Президенти Ҷумҳурии Узбекистон С. Авезов

Тарҷумаи матни мазкур аз забони руси ба забони тоҷикӣ аз тарафи ман Расулзода Мансур иҷро шудааст.

________________

/имзо/

0228320

город Душанбе, Республика Таджикистан

«17».05. 2024 года Я, АБДУСАМАДОВА Г.Х.,
Государственный нотариус Главной государственной нотариальной конторы Министерства Юстиции Республики Таджикистан, свидетельствую подлинность подписи, сделанной известным мне переводчиком Расулзода Мансуром в моём присутствии. Личность его установлена.

Зарегистрировано в реестре за № 11 Д-12645
Взыскано государственной пошлины: 2. 16
Государственный нотариус:

шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

«17».05. 2024 сол Ман, АБДУСАМАДОВА Г.Х.,
нотариуси давлатии саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аслияти имзои тарҷумон РАСУЛЗОДА МАНСУР-ро, ки дар ҳузури ман гузошт, тасдиқ мекунам.

Дар феҳрист таҳти рақами 11 Д-12645 ба қайд гирифта шудааст.
Боҷи давлатӣ ситонида шуд: 2. 16 пардохт карда шуд.
Нотариуси давлатӣ: